Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

Рисолаи диссертатсионии Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулахад ба яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти конститутсионӣ-ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи мубрамии мавзӯи интихобкардаи муаллиф қайд кардан зарур аст, ки таҳлили паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои назариявии раванди интихобот дар шароити муосир, бо назардошти тағйироти куллӣ ва дигаргуниҳои сиёсие, ки дар минтақа ва ҷаҳон ба вуҷуд омада истодааст, ниҳоят муҳим мебошад. Зиёда аз ин раванди интихобот ҳамчун шакли дар амал татбиқшавии меъёрҳои ҳуқуқи интихобот ва заминаи сиёсӣ-ҳуқуқии фаъолияти падидаҳои низоми демократияи намояндагӣ ва интихоботӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, мубрамии мавзӯи таҳқиқоти интихобкардаи муаллиф бидуни шубҳа муҳим мебошад.

Дар марҳилаи муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи нави инкишофи ҷомеа ва давлатро муайян намудааст, ки дар чунин шароит мақом ва ҷойгоҳи ниҳодҳои муайян муҳим мебошанд. Махсусан, дар сатҳи конститутсионӣ эълон намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, аҳаммиятнокии як қатор ниҳодҳо, ки барои тақвият ва амалан таҷассум намудани демократия дар кишвар равона мегарданд, меафзояд. Дар шароити давлати демократӣ нақши интихобот, ки асоси рушди чунин давлатро ташкил медиҳад, баланд буда, тавассути он иродаи халқ ҳамчун сарчашмаи асосии ташаккулдиҳандаи ҳокимияти давлатӣ изҳор мегардад. Давлатҳое, ки маҳз роҳи бунёди чунин давлатро интихоб намудаанд, ба падидаи ҳуқуқи интихобот афзалияти хосса дода, дар сатҳи меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунгузории соҳавӣ онро мустаҳкам намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз давраҳои аввали соҳибистиқлолии худ падидаи ҳуқуқи интихоботро аз лиҳози ҳуқуқӣ ба расмият даровардааст ва онро асоси амалишавии соҳибихтиёрии худ эътироф намудааст. Махсусан, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон интихобот шакли ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ муқаррар гардидааст, ки тавассути он шаҳрвандони кишвар бевосита дар ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ ширкат меварзанд.

Интихобот дар доираи раванди муайян амалан сурат мегирад, ки сатҳи сифати ташкил ва баргузории он аз раванди он вобастагии зич дорад. Ба таври дигар, ташкил ва баргузории интихобот дар давраҳои муайян сурат гирифта моҳиятан он раванди интихоботиро дар худ касб менамояд, яъне раванди интихоботӣ шакли дар амал татбиқшавии интихоботро ифода намуда, падидаи мазкурро комил мегардонад. Раванди интихоботӣ бо махсусиятҳои низоми сиёсӣ тасниф карда мешавад. Давлат тавассути муқаррароти қонунгузорӣ тартиби гузаронидани интихоботро ташаккул ва танзим менамояд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки барои баргузории интихоботи озоду шаффоф шароити зарурӣ фароҳам оварем. Ҳамчунин, дар заминаи падидаи интихоботӣ, бахусус раванди интихобот, кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба озодии интихобот, ширкат дар идоракунии давлатӣ ва изҳори иродаи сиёсии онҳо таъмин карда мешавад.

Дар шароити муосир пажӯҳиш ва таҳқиқи масъалаи раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ маҳсуб меёбад, ки таҳлили масъалаҳои гуногуни марбут ба он, ҳамзамон ошкор намудани мушкилот ва дарёфти роҳҳои ҳалли он равона мегардад. Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо назардошти асосҳои мазкур масъалаи раванди интихоботиро аз нигоҳи илми ҳуқуқи конститутсионӣ таҳқиқ намуда, нуқтаҳои назар ва консепсияи хоси илмиро вобаста ба он пешниҳод намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози мазмун ва масъалагузорӣ мукаммал буда, масъалаҳоеро фаро мегирад, ки дар маҷмуъ падидаи раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро равшан менамояд.

Зимни пажӯҳиши масъалаи мазкур усулҳои гуногуни илмӣ истифода гардидаанд, ки ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи он мусоидат намудааст. Аз қабили усулҳои диалектикаи-материалистӣ, маҷмуавӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-сохторӣ, усули таҳлили ҳуҷҷатҳо, моделсозӣ ва оморӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар истифодаи усулҳои умумиилмӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, усулҳои низомнокии таҳлилии воқеият асос ёфтааст. Усулҳои зикршуда имконият фароҳам ов863анд, ки мавзуи таҳқиқшаванда ба таври пурра ва воқеӣ омӯхта шуда, вазифаҳои дарпешгузошта ҳалли худро пайдо намоянд.

Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои аз ҷониби муаллиф манзургардида аҳаммияти муҳимми илмӣ дошта, ба

такмили падидаи раванди интихоботӣ ва рушди қонунгузории интихоботии кишвар равона мегардад.

Омӯзиши автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки муаллиф бештар таваҷҷӯҳи асосиро ба раванди интихобтии Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст. Ба назари мо дар баробари таҳқиқи раванди интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба масъалаи мазкур метавонист боз ҳам мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро баландтар намояд.

Тавсияи болозикр ба мазмуни таҳқиқот таъсир нарасонида, хусусияти мубоҳисавиро дар худ таҷассум менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад кори анҷомёфтаи илмии комил маҳсуб ёфта, за лиҳози мазмун ва мантиқ мукаммал буда, дар умум дар рушди падидаи раванди интихоботӣ ва илми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти баландро касб менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ буда, мазмун ва муҳтавои он ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардида, мувофиқат менамояд.

**Тақриздиҳанда:**
Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р. М. Раҷабзода

Имзои «Р.М. Раҷабзода»-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Сафарзода

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Раҷабзода Равшан Муҳитдин
734024 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел: (992 37) 221- 78-93, +992 918-61-18-53
E-mail - rrm_67@mail.ru

«19» ноябри соли 2024